Модоме ки шуморо раҳо кардаам (ва амре накардаам) манро (бо ҳамон масоиле, ки ба шумо мегӯям) раҳо кунед (ва дар бораи масоили ногуфта напурсед). Зеро умматҳои гузаштаро суоли зиёд ва мухолифат бо паёмбаронашон ба ҳалокат расонд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Модоме ки шуморо раҳо кардаам (ва амре накардаам) манро (бо ҳамон масоиле, ки ба шумо мегӯям) раҳо кунед (ва дар бораи масоили ногуфта напурсед). Зеро умматҳои гузаштаро суоли зиёд ва мухолифат бо паёмбаронашон ба ҳалокат расонд. Бинобар ин ҳаргоҳ шуморо аз чизе боздоштам, аз он дурӣ намоед ва чун шуморо ба анҷоми коре дастур додам, то ҷое, ки метавонед ба он амал кунед".

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд, ки ҳукмҳои шаръӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: Он чи дар бораш сукут шудааст, наҳйҳо ва амрҳо. Аммо аввал: Он чизе аст, ки шаръ дар бораш сукут кардааст, яъне ҷое, ки ҳукм надорад ва асл дар ҳар чиз адами вуҷуб аст. Дар даврони Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) воҷиб он буд, ки дар бораи он чизе, ки рух надодааст, пурсида нашавад, аз бими он ки мабодо дар бораи он воҷиб ё таҳрим нозил нашавад. Зеро Аллоҳ Таъоло онро аз рӯйи раҳматаш барои бандагонаш тарк кардааст. Аммо баъд аз вафоти Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) агар суол дар шакли фатво ё таълими чизе, дар амри дин лозим бошад, ҷоиз аст, балки ба ин пурсиш амр шудааст. Аммо агар пурсиш аз рӯй сахтгирӣ ва такаллуф бошад, ин ҳамон пурсише аст, ки дар ҳадис аз он наҳй шудааст. Зеро ин метавонад сабаби он чизе шавад, ки ба Банӣ Исроил рӯй дод. Вақте ки ба забҳи модагове амр шуданд, агар ягон говро забҳ мекарданд, корашон ба охир расида буд, аммо онон сахтгирӣ карданд ва бар онон сахт гирифта шуд. Дувум: Наҳйшудаҳо, яъне ҳар ки онҳоро тарк кунад савоб мегирад ва касе онҳоро тарк накунад муҷозот мешавад. Пас, бояд аз ҳамааш дурӣ кард. Севум: Фармудаҳо, яъне он чизҳоест, ки анҷом диҳандааш савоб мегирад ва тарк кунандааш муҷозот мешавад. Пас, бояд ба андозаи тавонӣ анҷомаш дод.


النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY


لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee